**ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ**

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 07.07.2023, №21**

Барои сазовор донистани Султонов Мусулмон Субҳонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 18 апрели 2023 сол, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №31 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Султонов Мусулмон Субҳонович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22-юми декабри соли 1988 дар ноҳияи Данғара таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2007 ба факултаи иқтисод ва баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ихтисоси муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дохил шуда, соли 2012 онро бомуваффақият хатм намудааст. Давоми солҳои 2016-2021 унвонҷӯйи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав маҳсуб меёфт.

Диссертатсия дар кафедраи молияи Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

Пас аз хатми Донишгоҳ то ба ҳол дар вазифаҳои зерин фаъолият намудааст:

- солҳои 2012-2017 – омӯзгори кафедраи назарияи иқтисод ва молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;
- солҳои 2017-2023 – омӯзгори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Роҳбари илмӣ:**

**Назирӣ Гулбаҳор Назир -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Султонов Зубайдулло Султонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, роҳбари бахши барномаи магистрии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.;

**Ҳусайнов Муродалӣ Сайдамирович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон:

**Муассисаи пешбар** - Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби д.и.и. профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Набиев Т.Т. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии ҳамин муассиса баррасӣ ва муҳокима карда шуда (суратҷаласаи №11, аз 10.06.2023с.), аз ҷониби ректори Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Ғафурзода А.Д. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса баровардa шудааст, ки диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ», кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Султонов Мусулмон Субҳонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 10 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М] Султонов М.С. Баъзе масъалаҳои суғуртаи хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар шароити имрӯза [Матн] / М.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2018. - №6. қ.2. – С. 155-158. ISSN 2413-5151.

[2-М] Султонов М.С. Роҳҳои такмил додани хизматрасонии суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Султонов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2018. - №1/3 (55). – С. 200-206. ISSN 2663-5534

[3-М] Султонов М.С. Мушкилоти бозори суғурта ва роҳҳои бартараф намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Султонов, Ш.М. Саидмуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. – №2. – С. 128-132. ISSN 2413-5151.

[4-М] Султонов М.С. Асосҳои назариявии идоракунии хавфу хатарҳои бонкӣ // Паёми Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ, Бохтар, 2020, №1/3(77). ISSN 2663-5534.

[5-М] Султонов М.С. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа оид ба суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ [Матн] / М.С. Султонов // Кишоварз. Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. – Душанбе, 2020. - №4 (89). – С. 269-273. ISSN 2074-5435.

[6-М] Султонов М.С. Таснифоти хавфҳои бонкӣ ва алоқамандии он бо суғурта [Матн] / Г.Н. Назирӣ, М.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. – Душанбе, 2021. - №3 (37). – С. 151-157. ISSN 2308-054X.

[7-М] Султонов М.С. Роҳҳои танзими суғуртакунии хавфҳои бонкӣ [Матн] / Г.Н. Назирӣ, М.С. Султонов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Душанбе, 2021. - № 4(2). – С. 57-63. ISSN 2310-3957.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[8-М]. Султонов М.С. Хусусияти идоракуни хавфу хатарҳо дар низами бонки Ҷумҳурии Тоҷикистон. Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Рушди гидроэнергетика - Рушди Тоҷикистон» (22-уми декабри соли 2020) дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, дар мавзуи. С. 122-134

[9-М] Султонов М.С. Самтҳои асосии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва нақши он дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи давлатҳо» бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (27 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб). Кӯлоб-2021.- С.404-411

[10-М]. Султонов М.С. Алоқамандии суғурта бо хатарҳои бонкӣ дар шароити имрӯза. Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (25 ноябри соли 2022). С. 231-243

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Раҷабов Р.К.**-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, бо чунин эрод:

Агар муаллиф шарҳи марҳилаҳои ҳамкориро ба таври пурра ва мушаххас нишон медод, боз ҳам хубтару беҳтар мешуд.

**2. Азимов А.Ҷ. -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд бо чунин эрод: Дар расми 1 саҳифаи 10 таснифи шклҳои суғуртаи хавфҳои бонкӣ оварда шудааст, аммо нишон дода нашудааст, ки кадом аз инҳо хатарҳо ба бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ бештар хатарнок мебошад.

**3. Ризоқулов Т.Р. -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1.Муаллиф пешниҳоди ҷолиберо дар расми 4 оид ба роҳҳои ҳал намудани мушкилоти суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ манзур сохтааст, ки қобили қабул мебошад. Агар муаллиф шарҳи онро ба таври пурра ва мушаххас нишон медод.
2. Баъзе қисмҳои хулосаи кор хислати умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо ба мисолҳои мушаххас тасдиқ карда мешуд.

**4. Сафаров Х.А. -** номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молия ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, бо чунин эрод: Дар ҷадвали якуми автореферат (с. 9) хуб мешуд, ки муаллиф ақидаи худро боз ҳам васеътар шарҳ медод.

**5. Сайфуров К.Ф.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тақриз мусбат, эрод надорад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои хавфу хатарҳои суғуртакунони мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илмие пешниҳод ва асоснок шудааст, ки танҳо дар сурати амалӣ намудани таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа, муайянсозии вазъи имрӯза ва

мушкилоти суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ, дарёфти механизми идоракунӣ ва имкониятҳои паст намудани хавфу хатарҳои бонкӣ ва роҳҳои дар амал татбиқнамоии тавсияҳои манзуршуда, ба рушди суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурӣ ноил шудан мумкин аст.

- ***таърифи муаллифӣ*** оид ба назарияи суғуртаи хавфу хатарҳои бонкӣ чунин пешниҳод шудааст: «суғуртакунии хавфу хатар дар бонкҳои тиҷоратӣ сари вақт бартараф ва пешгирии эҳтимолияти ҳодисаҳои номатлуб, ки ба иҷрои вазифаҳои амалиётӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳо халал мерасонанд, мебошад».

- ***методикаи*** идоракунии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ ба монанди диверсификатсия, лимитикунонӣ (маҳдудкунӣ), *тақсимоти хавф, хеҷиронӣ,* захиракунӣ асоснок ва пешниҳод шуданд.

- ***омилҳо ва мушкилоти асосӣ,*** аз ҷумла: мавҷуд набудани омори боэътимод оид ба зиёни фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ на камтар аз 5 сол, сатҳи нокифояи пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ, набудани ширкатҳои азнавсуғуртакунӣ, эътимоди пасти аҳолӣ ба ташкилотҳои суғурта, бехабарии аҳолӣ нисбати фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ, усулҳои костаи идоракунии суғуртаи хавфҳои бонкӣ, ҳамкории сусти байни бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ, мавҷуд набудани ташкилотҳои суғуртаи мутақобила, норасоии мутахассисони соҳаи суғурта ***ошкор ва роҳҳои ҳалли он пешниҳод*** гардидааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** бунёдии назарияи суғурта, асарҳои олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷиро оид ба суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ дар бар гирифта, ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равишҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

- ***модели регресиионии*** арзёбии қарзҳои ипотекӣ таҳия карда шуд, ки мувофиқи он: ҳангоми ба як воҳид зиёд шудани сандуқи қарзӣ ва бетағйир мондани даромади пулии аҳолӣ, қарзҳои ипотекӣ ба ҳисоби миёна ба андозаи 0,0125 воҳид зиёд мегардад. Ҳамзамон, дар мавриди ба як воҳид зиёд шудани даромади пулии аҳолӣ ва бетағйир будани сандуқи қарзӣ, қарзҳои ипотеки ба ҳисоби миёна ба 0,0013 воҳид афзоиш меёбад.

- ***исбот карда шуд,*** ки ташкили системаи комплексии идоракунии хавфҳои бонкӣ ва самаранок истифода бурдани усулҳои алоҳида идоракунии

хавфҳо бе ташкили таснифоти идоракунии хавфҳои бонкӣ ғайриимкон мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***ғояи*** нисбатан қафомонда будани бозори муосири суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматрасонии суғуртавӣ аз рӯйи бисёр намудҳои суғурта нисбат ба бозорҳои суғуртаи мамлакатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ баён шудааст, аммо ***исбот гардидааст***, ки омӯзиш ва ҷорӣ намудани таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар ин самт метавонад ба рушди маҳсулоти суғуртавӣ, ки айни замон дар бозори ҷумҳурӣ маъмул нестанд, мусоидат кунад.

- ***самтҳои*** афзалиятноки суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ муайян ва модели регресиионии арзёбии қарзҳои ипотекӣ ***муайян ва илман асоснок карда шудааст***.

- ***методологияи*** ҷорӣ намудани суғуртаи хатарҳои бонкӣ дар асоси истифодабарии воситаҳои нав, аз қабили суғуртаи масъулияти топ-менеҷерҳои бонкҳо, суғуртаи қарзҳои ипотекӣ, суғуртаи пасандозҳо ва дигар намудҳои суғурта пешниҳод ва асоснок шудааст, ки дар маҷмуъ ба устувории низоми бонкӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***стратегияи ҳамкории*** ташкилотҳои суғуртавӣ бо бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти иқтидор ва дурнамои онҳо таҳия шудааст, ки барои рушди минбаъдаи самараноки суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ мусоидат менамояд.

- натиҷаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашударо дар фаъолияти амалӣ ҳангоми суғуртакунӣ ва имкониятҳои паст намудани хатарҳои бонкӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Онҳоро, инчунин, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар бонкҳои тиҷоратӣ барои такмили қонунгузорӣ ва таҳияи тадбирҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ истифода бурда метавонад.

- ***консепсияи*** муаллифӣ пешниҳод шудааст, ки дар ҳолати камшавии теъдоди бонкҳои тиҷоратӣ зарурати ташкил ва таъсис ё зиёд намудани ташкилотҳои суғуртавӣ дар назди бонкҳо пеш омадааст, ки метавонад дар рушди низоми бонкии ҷумҳурӣ ва афзоиш ёфтани теъдоди бонкҳо ва ҳам ташкилотҳои суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намояд.

- ***пешниҳод шудааст***, ки шартҳои стандартии суғурта, ки онро андеррайтерҳои ширкати Lloyd таҳия намудаанд, ба шароити имрӯзаи бозори суғурта ва низоми бонкӣ мутобиқ гардонида, дар амал ҷорӣ карда шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***ғояи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки ба мунтазам зиёд шудани саҳми бозори суғурта дар низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявӣ, баланд шудани сатҳи ҳифзи суғуртавии бонкӣ ва амалӣ намудани механизми таъминкунандаи рушди устувори бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи такмили минбаъдаи суғуртаи кортҳои бонкӣ ва суғуртакунии қарзҳои ипотекӣ ҳамчун вазифаи аввалиндараҷаи суғуртакунӣ дар самтҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси ташкили ***бюрои таърихи суғурта*** дар намудҳои гуногуни суғурта пешниҳод шудааст, ки фароҳам овардани шароит барои суғуртакунии хатарҳои қарзҳои ипотекӣ на танҳо дар сатҳи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ, балки дар сатҳи давлатӣ низ баррасӣ мешавад, зеро дастрасии манзил яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат буда, барои ноил шудан ба ин ҳадаф, ҳамаи иштирокчиёни касбии бозори суғурта ва ширкатҳои сохтмонӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ бояд ҳамкории зич дошта бошанд.

-***усулҳои*** мустаҳкам намудани ҳамкории бонкҳои тиҷоратӣ бо ташкилотҳои суғуртавӣ, ҷорӣ намудани суғуртаи муҷтамаи хавфҳои бонкӣ, суғурта аз ҷиноятҳои компютерӣ, суғуртаи хавфҳои асъорӣ дар шароити қурби шинокунанда ва омода намудани мутахxасисони соҳавӣ ҳамчун роҳҳи ҳалли мушкилот тавсия карда шуд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

- татбиқи тавсияҳои муаллиф барои ноил гардидан ба ҳадафҳои фароҳам гардидани муҳити боэътимод ва устувори суғуртакунонӣ, решакан намудани рақобати носолим дар бозори суғурта, инкишофи бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ, рушди муносибатҳои тарафайни бозорҳои суғуртаи миллӣ ва байналхалқӣ, зиёд шудани номгӯи хизматрасониҳои суғуртавӣ ва шумораи ширкатҳои суғуртавии ватанию хориҷӣ мусоидат менамояд.

- маводи таҳқиқотро ҳангоми хондани лексияҳо оид ба курси «Суғурта», «Фаъолияти бонкӣ», «Хавфҳои қарзӣ», «Хатарҳои бонкӣ» «Молия» ва монанди инҳо дар ихтисосҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав истифода бурдан мумкин аст.

- ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асоснокқунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

- дар омода намудани 10 мақола, аз он ҷумла 7-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

- хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суратмаҷлиси №1/105, аз 28.01.2022) барои истифода пешниҳод шуда, санад оид ба татбиқи амалии онҳо мавҷуд аст..

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 07.07.2023 қарори сазовор донистани Султонов Мусулмон Субҳонович бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тарафдор - 13 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**07 июли соли 2023.**